Фаъолиятхои асоси ва пешбаранда ба даврахои муайяни синну соли мувофик аст. Кудак ба фаъолияти минъбада омода мешавад. дар рафти бози протсесхои маърифатии кудак инкишоф ёфта ба фаъолияти таълимии у замина мегузорад; кудак аз ягон чихат фаъолияти психики худро инкишоф медихад, дар бози хаёл тахаюлоти кудак инкищоф меёбад, дар мехнат кобилияти фикрронии кудак ташаккул меёбад; сифатхои ахлокии кудак инкишоф меёбад, ки одоби муоширот кардан, риоя кардан ба коидахои бози ва г. Минъбад ба ичрои коидахои талабаги дар мактаб замина мегузорад.(Чамбасти амалҳои бошууронаро фаъолият номидан мумкин аст).

Яъне муайян карда шуд, ки фаъолияти пешбаранда ин бози буда ба инкишофи психика ҳаматарафа таъсир мерасонад. Бозиро кӯдак зина ба зина азхуд мекунад. Дар кӯдакони хурди томактабӣ (3- 4 солаҳо) бози шакли ба худ хосро дорад. Ҳар як кудак дар алоҳидагӣ бозӣ мекунад, чунки онҳо байни ҳамдигар муносибат карда наметавонанд. Дар бозӣ шарт гузоштан, тақсим намудани ашёҳо, бозичаҳо, нақшҳо барои онҳо хеле мушкил аст. мазмуни бозии онҳо аз таасуроташон бар меояд ва аз ҳаёт ва гирду атроф мавзӯро интихоб мекунанд тахминан чунин мавзуъхоро дар бар мегирад. Масалан: «оча-бача», «боғчаи бачаҳо», «духтурхона», «саворaи автобус ё мошин» агар ба мазмуни бозии онҳо диккат диҳем, хулоса мебарорем, ки онҳо якранга, якхелаанд як амалиёи якчанд маротиба такрор мешавад. М:духтарча як амалро бо қубикчаҳо якчанд маротиба такрор мекунад: кубикҳоро аз дохили кути гирифта ба руи миз чмда чмда мегузорад, баъд хар як кубикро боз ба дохили кути меандозад. Ин бохи «богчаи бачахо» ном дорад.

Инчунин амали духтурро, ки бо онҳо сӯзан зада буд дар бози айнан такрор мешавад. Дар мавриди бози кардан онҳо гап намезананд ё ин ки бо як ду сухан бозиро идома медиҳанд.

Дар 4-5 солаги дар бозӣ дигаргуни ба вучуд меояд,кудак ба бози яу-ду кӯдаки дигарро дохил мекунад, ин яку якбора ба вучуд намеояд.дар аввал онҳо бозичаҳояшонро байни ҳамдигар иваз мекунанд, ба хам ёои мерасонанд (барои часпондани чарх) ва боз чудо мешаванд ва хар яки онҳо дар алоҳидагӣ бози мекунанд.

Ба ҳаёти калонсолон диккат дода (модар бо дугонааш, бо ҳамсояҳ сӯҳбат мекунад) кӯдак мефаҳмад, к ибо 2-3 нвафар бози кадан шавқовар аст ва барои блзи кардан хамроҳ ҷустуҷӯ мекунад. Бозихои якчоя мунрсибатҳои байниҳамдигариро инкишоф медиҳад

онҳо муносибат карданро меосузанд, бахс мекунанд, мунокишахои сарзадаро хал мекунанд. Дар ин маврид калонсолон бози ва муносибати  дар бози  ба амал омадаро назорат мекунад. Назорати онхо бояд оқилона бошад (ба якчанд кудак як бозича маъкул аст чи бояд кард?)
Минбаъд назорат аз тарафи зуди кудак ичро мешавад. Аксарияти кудакон  ба осони кобилияти рохбаринамуданро азхуд мекунанд, баъзехо хеле пассиванд.
Дар 5-6 солаги кудакон коллективона бозӣ мекунанд. Мазмуни бозихо гуногун ва мураккаб мешавад. Дар он вазъиятҳое, ки берун аз ҳаёти кӯдак аст инъикос меёбад. Мазмуни он васеъ шуда ҳаёти ҷамъиятии кишвар, тамоми инсоният дар бози инъикос мешавад. (бозии чанг, сулҳ, хаёти сиёси ва хамарузаи инсоният). Бозиҳои худро кӯдакон пешаки ба накша мегиранд, бо ҳамдигар маслиҳат мекунанд, накшхоро тақсим, мекунанд, мавзуи бози ва тачҳизотҳои зарурир о интихоб мекунанд.
Дар фаъолияти бози шаклҳои муошırати байни кудакон муайян мешавад. Бози аз кудакон сифатҳои зарурир о талаб мекунад: ташаббускори, хушмурмилаги, кобтлияти идора кардани амалиётҳо. Дар онҳо хотир ва диккат инкишоф меёбад.